**ПРОТОКОЛИ № 24/1**

**аз « 26 » сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25апрели соли 2025, № 168/шд тасдиқгардида 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 8 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд, Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ. оид ба шиносоии пешакии диссертатсияи пешниҳодгардидаи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад намуда, қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Диссертатсия таҳти мушовирии д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б. омода гардидааст.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Тибқи банди 13 «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ) ва банди 14 «Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия» (Амри

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, таҳти № АП–98) барои ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳои илмӣ ва ҳимояи диссертатсияи докторӣ 28 майи соли 2025 бо ариза ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст. Розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи рисолаи доктории Муртазозода О. аз 10 сентябри соли 2025 таҳти №26/10-49 гирифта шудааст.

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. ва аъзои комиссия д.и.и., профессор Ҷабборов А.Ҷ., д.и.и., профессор Шамсзода И.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

— **Ашуров Ихтиёр Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва карз Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;
— **Зияева Манижа Давроновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
— **Қаюмӣ Шаҳзода Тағо** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** таъин гардад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда ичозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 30 декабри соли 2025, соати 12:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, **бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабова И.Р.

*Имзои Комилов С.Ҷ. ва Раҷабова И.Р. – ро тасдиқ мекунам:*
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Нуриддинов Х.Х.